## ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи номзадии Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикии синфҳои 8-9 ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02. - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ))**

Мусаллам аст, ки фанни забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз фанҳои муҳим ва калидӣ маҳсуб ёфта, пешравӣ ва муваффақияти хонандагон дар омӯхтани ҳамаи фанҳои дигар аз он вобаста аст. Аз ин лиҳоз, дурусту самаранок ба роҳ мондани таълими фанни мазкур аз вазифаҳои муҳими омӯзгорон ва мутахассисони соҳа маҳсуб меёбад. Диссертатсияи пешниҳодгардида ба яке аз мавзуъҳои муҳими таълими забони тоҷикӣ – истифодаи осори классикон дар раванди таълими синтаксис ва инкишофи нутқи мураттаби хонандагон бахшида шудааст.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, феҳрасти адабиёт иборат буда, дар он омӯзиши забони тоҷикӣ ва ташаккули маданияти нутқи хонандагони синфи 8-9-ум зимни таълими синтаксис мавриди ҳаллу фасл ва пажуҳиши махсуси муаллиф қарор гирифтааст.

Диссертант дар асоси таҳлили таҷрибаҳои таълимии муосир тавонистааст, ки модел ва тавсияҳои амалиеро барои беҳсозии равандҳои омӯзиш пешниҳод намояд. Ин тавсияҳо барои баланд бардоштани самаранокии таълими забони тоҷикӣ ва ташаккули фарҳанги нутқи муҳассилин мусоидат мекунанд.

Муаллиф дар кори худ масъалаҳои инкишофи нутқ, ғановати таркиби луғавӣ, одоби муошират, ташаккули маърифат ва тарбияи ахлоқиро мавриди таҳлил қарор дода, заминаи назариявӣ ва методологии устуворро пешниҳод намудааст. Мазмуни диссертатсия бо масъалагузории дақиқ, усули таҳқиқи илмию эмпирикӣ ва тавсияҳои амалӣ фарқ мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ васеъ истифода шаванд.

Ғайр аз ин, дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф ба хулоса омадааст, ки корбурди осори пурғановати классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ ба шаклгирии завқи адабӣ, забондонӣ ва зебоишиносии хӯнандагон, ҳамчунин, ба бедорсозии ҳисси хештаншиносии онҳо низ мусоидат менамояд.

Ҳадафи асосии тадқиқот ин аст, ки роҳҳои самараноки инкишофи нутқи хативу даҳонии хонандагон, ташаккули салоҳиятҳои забониву коммуникативии онҳо муайян ва таҳлил шаванд.

Мақсад аз иҷрои таҳқиқот дар таҳияи асосҳои назариявӣ ва методии истифодаи осори пандомези классикон дар ҷараёни таълими фанни забони тоҷикӣ мебошад, ки ба ташаккули маънавиёт ва маҳорати суханварии хонандагон ва тарбияи ахлоқиии онҳо мусоидат мекунад.

Роҳу усулҳои таълими , синтаксиси забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла, кор бо осори классикон, маънидод ва ё тафсири абёт, шиносоӣ бо сохтори наҳвии забони классикӣ дар иртибот ба таълими синтаксиси ҷумлаҳои сода дар синфи 8 ва ҷумлаҳои мураккаб дар синфи 9 мебошад мавзуи таҳқиқоти мазкур маҳсуб ёфта, фарзияи таҳқиқот ба он далел аст, ки таълими самараноки масъалаҳои асосии синтаксиси забони тоҷикӣ, такмили фарҳанги нутқ, инкишофи нутқи мураттаби муҳассилин дар сурати дар заминаи осори классикон роҳандозӣ шудани ин қисмати муҳими барномаи таълим ва таъмини салоҳиятҳои забонӣ ва коммуникативӣ (иртиботӣ), ташаккули маҳорат ва малакаи нутқи мураттаби хонандагон имконпазир мегардад.

Маводи назариявӣ ва дидактикии дар рисола пешниҳодшуда ба омӯзгорон дар ташкили бонизоми дарс ва баланд бардоштани самаранокии машғулиятҳо ёрии амалӣ хоҳад расонд. Дар диссертатсия намунаи методҳо барои таълими босамари синтаксис, системаи машқҳо, супоришҳо, намунаи таҳлилҳои синтаксисӣ дар синфи 8-9 пешниҳод шудааст. Баррасӣ ва самаранокии онҳо на танҳо барои фаҳмидани синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаб, ҳамчунин, идроки маъноҳои барҷаставу баланди осори адабӣ ба хонандагон имкон хоҳад дод.

Хулосаҳои назариявӣ, таклифҳо ва пешниҳодҳои М.А.Раҳимова дар мундариҷаи умумии рисолаи номзадӣ дар мундариҷаи умумии автореферати рисолаи номзадӣ инъикос ёфтааст.

Раҳимова М. дар давоми фаъолияти илмӣ зиёда аз 20 мақола, аз он ҷумла 5 – мақолаи илмии вобаста ба мавзуъ, ки аз тарафи КОА-ии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боқимонда дар маҷмуаи маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба табъ расидаанд.

Бояд гуфт, ки дар радифи кулли муҳассанот дар рисола дар баъзе саҳифаҳо умумигӯйӣ, андак аз масъалаи меҳварӣ дур рафтан, ғалатҳои имлоиву услубӣ ба чашм мерасанд, ки арзиши рисоларо коҳиш намедиҳад ва ислоҳи онҳо муфид ҳисобида мешавад.

Рисолаи номзадии М.А. Раҳимова таҳти мавзуи “Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон” ба анҷомрасида ҳисобида шуда, ба масъалаҳои мубрами педагогӣ нигаронида шудааст.

Диссертатсия аз ҷиҳати илмию амалӣ арзишманд буда, ба талаботи амалкунанда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04– Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) мутобиқ аст ва сазовори пешниҳоди унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ дониста мешавад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор, директори Муассисаи
давлатии буҷетии таҳсилоти миёнаи
умумии Россия-Тоҷикистон
"Мактаби миёнаи умумӣ дар шаҳри
Хуҷанд ба номи А.П. Чехов" Хоҷаева М.Ҷ.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,
микроноҳияи 8, бинои 31
e-mail: rtsosh-khujand@mail.ru
тел. +992834 22 5-88-55

Имзои Хоҷаева М.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Мутахассис оид ба кадрҳои
МДБТМУ РТ "ММУ дар ш. Хуҷанд
ба номи А.П. Чехов" Норматова М.А.

6. 05. 25